Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.KOA-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/1

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод шудааст.**

Муҳимият ва мубрамияти мавзӯи кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳод карда шуда дар шароити мавҷуда бо он асоснок карда шудааст, ки барои амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 оиди индустриалӣ ва инноватсионии рушди устувор, пеш аз ҳама бояд рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ таъмин карда шавад. Аз сабаби он, ки ин масъала яке аз омилҳои тезонидани иқтисоди рақамӣ ва босамар намудани фаълияти иқтисодӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ оиди мавзӯи дар боло қайд гардида бамаврид ва саривақтӣ буда, ба омӯзиш ва такмили назариявию амалияи коркарди самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ бахшида шудааст.

Чӣ тавре, ки дар автореферати кори диссертатсионии мазкур қайд гардидааст, муаллиф ба воситаи гузаронидани таҳқиқот ва таҳлили мафҳуми сифати хизматрасониҳои таълимӣ алоқамандию вобастагӣ ва таъсири мутақобилаи байниҳамдигарии низоми таҳсилот, равандҳо, хизматрасониҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таълимро муайян намуда дар шакли нақшаи

консептуалии сифати таҳсилот таҳрезӣ кардааст ва онро ба намуди расми 2. - Технологияи арзёбии сифати таҳсил ороиш додааст (с. 22-23).

Дар рафти таҳқиқот аз тарафи унвонҷӯ омилҳои таъсиррасон ва муайянкунандаи сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ асоснок карда шуда пайдарҳамии мантиқии онҳо ба намуди расми 4 оварда шудааст (с. 25-26).

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ дар назди худ гузоштааст, бо номи мавзӯъ, ҳадафи таҳқиқоти гузаронидашуда ва сохтори мантиқан дуруст тартиб дода шуда мувофиқат мекунанд. Инчунин хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда ва дақиқ буда ба коркардҳои назариявию методологӣ ва маълумотҳои омориву мушоҳидавии таҳқиқотӣ такя мекунанд.

Ба фикри мо, Раҳмонзода З.Ф. автореферати рисолаи диссертатсионии тақризшавандаро ба қадри имкон ва лозима дар пояи устувори назариявӣ, методологӣ ва амалӣ таҳия намуда, дар ҷамъбасти таҳқиқ, пайдарпаии таҳлил ва хулосабарориҳои натиҷаҳо заҳмати зиёде ба харҷ додааст. Хулоса ва тавсияҳои дар автореферати мазкур овардашуда дар асоси гузаронидани таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Ба фикри мо, дар автореферати кори тақризшаванда дар баробари комёбиҳои назарраси дар боло қайд гардида, норасоие мавҷуд аст, ки муаллиф дар расмҳои 3 (с. 24) ва 8 (с. 33) нишондиҳандаҳоро то соли 2020 дида баромадааст ва агар ӯ нишондиҳандаҳои солҳои охирро ҳам истифода мекард, таҳлили гузаронидашуда аниқтар ва ба фоидаи кор мешуд.

Ба ин нигоҳ накарда, камбудии ишора карда шуда характери тавсиявӣ дорад ва ба фикри мо ба арзиши баланди назариявию методологӣ ва инчунин амалии кори диссертатсионии иҷрошуда таъсир расонида наметавонад.

Ҳамин тариқ, автореферати рисолаи диссертатсионии Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, ки дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии

сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод шудааст, нуктаҳои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад, мувофиқи талаботи мавҷуда тайёр карда шудааст ва муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои зикр гардида арзанда мебошад.

Профессори
кафедраи "Менеҷмент ва маркетинг"-и
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон
д.и.и., профессор Амонова Д.С.

Подпись заверяю
Начальник УК РТСУ
Рахимов А.А.

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Телефон: 918-74-94-94 E-mail: dilbar_amonova@mail.ru